Суратҷаласаи № 29

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА – 024 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
24. 11 соли 2026 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафараш докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин дар мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ва дурнамои он (солҳои 2003–2025)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси гурӯҳи комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ, д.и.с., профессор Муродова Н.С. баромад намуд (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Қарор карда шуд:

1. Диссертатсияи Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин дар мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ва дурнамои он (солҳои 2003–2025)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- **Негматова Шаҳноза Рузиевна –** доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

- **Ашуров Ардамехр Муродкулович** - номзади илмҳои таърих, сардори Раёсати илм ва пажуҳиши Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои нашри автореферат, ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани эълон ва автореферат дар сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 30-юми декабри соли 2026 таъин карда шавад.

6. Барои чопи автореферат дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои
диссертатсионӣ д.и.т. **Расулиён Қ.Р.**

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ н.и.т. **Умаров А.Қ.**